# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Кабиров Фирдавс Одилшоевич дар мавзуи «Таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 - Таърихи илм ва техника (таърихи метрология)**

Бояд гуфт, ки таърихи илму техника ҷузъи ҷудонашавандаи таърихи халқи тоҷик ба шумор рафта, дар рушди тамаддуни башарӣ нақши муҳим дорад. Зеро рушди ҳар гуна ҷомеа дар ҳар давру замон аз дастоварду муваффақиятҳои илму техника вобастагии бевосита дорад. Агар дар сафҳаи таърихи тамаддуни башарӣ назар андозем, дар ҳама давраҳои таърихӣ подшоҳон ба олимону табибон бештар ниёз дошта, баҳри ҳифозати онҳо чораҳои зарурӣ меандешиданд.

Аз лиҳози таҳқиқоти илмӣ, қайд кардан ба маврид аст, ки таърихи рушди ҳар гуна илмро мутахассиси ҳамон соҳа бояд таҳти таҳқиқ қорор диҳад. Аз мутолиаи автореферати унвонҷӯ Кабиров Ф.О. дида мешавад, ки ӯ ҳамчун мутахассиси ҳамин соҳа аҳммияти омӯзиши таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷикро дар давраҳои охири асри XIX ва аввали асри XXI мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Нуктаи муҳимми комёбии муаллиф ҳамчун навгонӣ ва дорои аҳамияти муҳимми илми таърих дар он аст, ки саҳми ниёгони тоҷиконро дар таҳқиқу омӯзиши таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик дар таърихи илми ҷаҳон, дар мисоли таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик хеле хуб ва нишонрас таҳлил карда, ҳамин тариқ нишон додааст, ки тоҷикон дар баробари дигар ақвоми аврупоӣ дар рушди илм саҳми босазо гузоштааст.

Аз лиҳози таърихи илм ва техника гуфтан ба он мазмун аст, ки таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик дар давраи охири асри XIX – аввали асри XXI барои дарки фалсафӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ низ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Таърихи инкишофи соҳаи метрология ва стандарткунонии ватанӣ, рушди системаи ченакҳо, стандартҳо ва таъсиру нақши онҳо дар таърихи замони шуравӣ ва истиқлолияти Тоҷикистон ба шумор меравад, ки унвонҷӯ онро мантиқан дуруст мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Аз рӯйи мутолиаи автореферат бармеояд, ки муаллифи рисола адабиёти зиёдеро оид ба таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва

стандарткунонии халқи тоҷик омӯхта, таҳлил карда, хулоса ва тавсияҳоро дар асосноккунии илмии натиҷаҳои таҳқиқоти таърихиро ҷамъбаст намудааст, ки ифодакунандаи эътимоднокии диссертатсия маҳсуб мебошад.

Нуктаи дигаре, ки дар асоси он месазад таҳқиқоти Ф.О. Кабировро мусбат ва комилан як пажӯҳиши арзишманд дар самти таърихи илм ва техника қаламдод кунем, ин навгониҳои бадастоварда, хулоса ва пешниҳоди мавсуф мебошад, ки мухтасару мушаххас ва ҳамзамон назаррас баён гардидааст.

Дар умум аз рӯйи автореферат баҳогузорӣ кардан мумкин аст, ки диссертатсия таҳқиқоти илмии худанҷомдодашударо ифода мекунад, ки муаллиф онро ба дараҷаи кофӣ ва дар сатҳи баланд иҷро кардааст.

Ба андешаи мо, рисолаи мавриди назар ба талаботи Низомнома оид ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Кабиров Фирдавс Одилшоевич сазовори ноил гардидан ба унвони илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 - таърихи илм ва техника мувофиқ мебошад.

Номзади илмҳои техникӣ,
дотсент Идиев М.Т.

14.05.2024

Суроға: 734042,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10,
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи
акад. М.С. Осимӣ
Тел: +992 (372) 21-35-11
Факс: +992 (372) 23-02-46
E-mail: info@ttu.tj ttu@ttu.tj

Имзои М.Т. Идиевро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
техникии Тоҷикистон
ба номи акад. М.С. Осимӣ Қодирзода Н.

14.05.2024

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Кабиров Фирдавс Одилшоевич дар мавзуи «Таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 - Таърихи илм ва техника (таърихи метрология)**

Мусаллам аст, ки халқи тоҷик аз даврони қадим ба шахсиятҳои бузурги илму адаби хеш миёни ҷомеаи ҷаҳон мақоми махсусро ба худ касб намудааст. Ва ин раванд дар марҳалаи ташаккулёбии Тоҷикистон боз ҳам эҳё гардид. Соҳаи метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик бо шахсиятҳои маъруфи худ ном баровар да, халқу давлат бо бисёре аз онҳо ифтихор дорад. Маҳз дар ҳамин замина муаллифи рисола қайд менамояд, ки таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик аҳамияти муҳим дорад.

Аз ин лиҳоз, диссертатсияи Кабиров Ф.О. ҳамчун як манбаъи мукаммали ифодаи раванди таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик барои илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти вижаро дорост.

Диссертатсияи мавриди назар аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, аҳаммияти таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳову навгониҳои илмӣ таҳқиқ ва асоснок карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Таърихи бунёди созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – соли 1991)» унвон гирифта, он аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якум – «Таърихи метрология ва стандарткунонии халқи тоҷик дар ҳайати Аморати Бухоро (охири асри XIX – соли 1917)» – диссертант шарҳи мухтасари таърихи метрологияи тоҷик дар ин давлати тоинқилобиро мавриди инъикос, таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

Дар зербоби дуюм, ки «Таъсисёбии низоми муштараки стандарткунонӣ дар ИҶШС (солҳои 1918-1924)» номгузорӣ шудааст, муаллиф оид ба таърихи таъсис ва рушди низоми муштараки метрология ва стандарткунонӣ дар ИҶШС андешаҳои хешро баён намудааст.

Дар зербоби сеюми боби аввал – «Бунёд ва рушди хадамоти метрология ва стандарткунонии ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» – таърихи таъсис ва рушди сӯҳаи метрология ва стандарткунонии тоҷик дар замони шуравиро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар боби дуюм «Рушди соҳаи метрология ва стандарткунонии Тоҷикистони соҳибистиқлол (солҳои 1991-2021)» ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якум «Нақши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди соҳаи метрология ва стандарткунонӣ» унвон дорад, ки муаллиф доир ба идоракунии тамоми фаъолияти метрологӣ ва стандарткунонӣ дар сохтори Агентии «Тоҷикстандарт» ибрози ақида кардааст. Дар зербоби дуюми ин боб, ки «Хусусиятҳои таърихии рушди ҳамкориҳои байналмилалии Агентии «Тоҷикстандарт» дар соҳаи метрология ва стандарткунонӣ» ном дорад, муаллиф қайд мекунад, ки вобаста ба самту равияҳои корӣ дар замони истиқлолият Агентии «Тоҷикстандарт»-ро зарур омад, ки ҳамкориҳои худро дар тавозуни доимӣ бо сохторҳои стандарти байналмилалӣ мувофиқ созад. Зербоби сеюми боби дуюм «Рушди таъминоти метрологии воситаҳои андозагирӣ, сертификатсия ва нозироти савдои Агентии «Тоҷикстандарт» ном дошта, диссертант дар он зикр кардааст, ки баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи таъмини риояи ченакҳо ва андозаҳои ягона дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рӯи кор омад.

Дар қисмати хулосавии автореферат муҳаққиқ бардоштҳои мустақилонаи худро ҷамъбаст намудааст. Шарҳи автореферат ба се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ) арзиши назарӣ ва амалии онро дуруст инъикос мекунад.

Ба муаллиф тавсия дода мешавад, ки дар оянда вобаста ба ташаккулёбии марказҳои минтақавии Агентии «Тоҷикстандарт» дар се вилояти ҷумҳурӣ таҳқиқоташро идома диҳад.

Ҳамчун эроди ҷузъӣ метавон таъкид кард, ки дар автореферат гоҳо хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд. Ин нукта ҳангоми тайёр намудани монографияи муаллиф бояд ислоҳ карда шавад.

Дар умум, метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи Кабиров Фирдавс Одилшоевич ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 - таърихи илм ва техника (таърихи метрология) мебошад.

Профессори кафедраи
санъатшиносии Донишкадаи
давлатии санъати тасвирӣ ва
дизайни Тоҷикистон,
узви вобастаи Академияи
муҳандисии Тоҷикистон, д.и.т. Иброҳимов М.Ф.

13.05.2024

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе кӯчаи Айнӣ, 31,
шаҳри Душанбе,
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992 37) 221 72 43; 22 172 37
Факс: (+992 37) 93-335-19-85; 91-100-10-92
E-mail: design_2013@list.ru

Имзои М.Ф. Иброҳимовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишкадаи
давлатии санъати тасвирӣ ва
дизайни Тоҷикистон Сайдалиев О.И.

13.05.2024

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Кабиров Фирдавс Одилшоевич дар мавзуи «Таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 - Таърихи илм ва техника (таърихи метрология)**

Таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар соҳаи метрология ва стандарткунонӣ ба шумор рафта, фаъолияти онро дар танзими муносибатҳои иқтисодии ҷомеа инъикос мекунад. Аз ин лиҳоз, муайян кардани санаҳои таърихӣ ва оғози фаъолияти соҳаи метрология ва стандарткунонӣ аз давраи Аморати Бухоро то замони муосир, дар маҷмуъ вазифаи асосии таҳқиқи илмии рисоларо ташкил додааст.

Рисолаи диссертатсионии иҷронамудаи Кабиров Ф.О. натиҷаи таҳқиқоти илмӣ-таърихие мебошад, ки ба масъалаҳои мубрами таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик бахшида шудааст. Дар натиҷаи хулосаву пешниҳодот ва навгониҳои дар автореферат қайднамудаи муаллиф бояд гуфт, ки таҳқиқоти мазкур ба ихтисоси 07.00.10 - таърихи илм ва техника (таърихи метрология) мувофиқат мекунад.

Мавзуи рисолаи номзадии Кабиров Ф.О. воқеан яке аз масъалаҳои мубрами таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик буда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин диссертатсия аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 ба шумор меравад. Инчунин, қайд кардан зарур аст, ки таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик бори аввал мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Он барои дарку фаҳмиши таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик аҳамияти муҳим дорад. Рисолаи мазкур қисми назариявии фаъолияти ин соҳаро аз нуқтаи назари таърихӣ мавриди пажӯҳиш қарор медиҳад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муаллиф дуруст ҷамъбаст кардааст, ки маводи рисоларо ҳангоми таҳияи васоити таълимӣ, курси махсус, маводи лексионӣ оид ба таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик истифода бурдан мумкин аст. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки зарурату имконияти донишазхудкунии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар омӯзиши соҳаи метрология ва стандарткунонӣ бидуни донистани таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик имконнопазир мебошад.

Дар баробари ин хулосаи муҳим он аст, ки нақши таърихи ҳар як илм барои донистани қонуниятҳои ҳамон илм аҳамияти аввалиндараҷа дошта, ҳатто бидуни донистани таърихи илм худи илмро омӯхтан низ имконнопазир аст.

Кабиров Ф.О. дар натиҷаи пажӯҳиши худ комилан дуруст пешниҳод намудааст, ки ҳангоми омӯзиши таърихи метрология ва стандарткунонӣ месазад, ки ба таърихи рушди созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик диққати махсус дода шавад.

Ҳамчун эродӣ ҷузъӣ метавон таъкид кард, ки дар автореферат гоҳо хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Аз автореферати рисолаи диссертатсионии Кабиров Фирдавс Одилшоевич маълум аст, ки ӯ дар мавзуи «Таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI)» таҳқиқоти илмӣ-тахассусии муҳимеро анҷом додааст. Шарҳи автореферат ба се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ) арзиши назарӣ ва амалии онро дуруст инъикос мекунад. Ниҳоят гуфтан мумкин аст, ки кори таҳқиқотии Кабиров Ф.О. ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 - таърихи илм ва техника (таърихи метрология) мебошад.

Мудири кафедраи физикаи ҷисмҳои
сахти факултети физикаи
Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон н.и.ф-м дотсент Шаимов Э.Ҷ

«14»_05_соли 2024

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992-37) 221-77-11
Факс: (+992-37) 221-48-84
E-mail: tgnu@mail.tj, tnu.int.re@mail.com

Имзои Э.Ҷ. Шоимовро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
Корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

«14_»_05_соли 2024

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Кабиров Фирдавс Одилшоевич дар мавзуи «Таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 - Таърихи илм ва техника (таърихи метрология)**

Рисолаи диссертатсионии Кабиров Ф.О. натиҷаи таҳқиқоти илмӣ-таърихие мебошад, ки ба масъалаҳои мубрами таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI) бахшида шудааст. Дар натиҷаи хулосаву пешниҳодот ва навгониҳои дар автореферат қайднамудаи муаллиф бояд гуфт, ки таҳқиқоти мазкур ба ихтисоси 07.00.10 - таърихи илм ва техника (таърихи метрология) комилан мувофиқат мекунад.

Мавзуи рисолаи номзадии Кабиров Ф.О. воқеан яке аз масъалаҳои мубрами таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик буда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин диссертатсия аз рӯи ихтисоси 07.00.10 ба шумор меравад. Нуктаи муҳимми мубрамияти мавзуъ дар он зоҳир мешавад, ки таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик бори аввал мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Диссертант зарурати таҳқиқи мавзуи мазкурро дуруст таъкид доштааст, ки омӯзишу фаҳмиши таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик дар ҷомеаи имрӯза аҳамияти муҳим дорад.

Мазмуни асосии диссертатсия дар муқаддима, ду боб, шаш зербоб ва хулоса таҳқиқу баррасӣ гардидааст. Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, аҳаммияти таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳову навгониҳои илмӣ таҳқиқ ва асоснок карда шудааст.

Кабиров Ф.О. дар натиҷаи пажӯҳиши худ комилан дуруст пешниҳод намудааст, ки ҳангоми омӯзиши таърихи метрология ва стандарткунонӣ месазад, ки ба таърихи рушди созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик диққати махсус дода шавад.

Ҳамчун эроди ҷузъӣ метавон таъкид кард, ки дар автореферат баъзан хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд. Ин нукта ҳангоми тайёр намудани монографияи муаллиф бояд ислоҳ карда шавад.

Дар хулоса натиҷаҳои бадастомада ва тавсияҳои муаллиф ба таври возеҳу равшан нишон дода шудааст.

Аз автореферати рисолаи диссертатсионии Кабиров Фирдавс Одилшоевич маълум аст, ки ӯ дар мавзуи «Таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI)» таҳқиқоти илмӣ-тахассусиеро анҷом додааст. Шарҳи автореферат ба се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ) арзиши назарӣ ва амалии онро дуруст инъикос мекунад.

Ниҳоят гуфтан мумкин аст, ки кори таҳқиқоти Кабиров Ф.О. ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 - таърихи илм ва техника (таърихи метрология) мебошад.

Сардори Маркази тахшиси
Агентии «Тоҷикстандарт»,
номзади илмҳои кимиё, дотсент Абдураҳмонзода А.Х.

15.05.2024

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе кӯчаи Н. Қарабоев, 42/2
Тел: (+992 37) 233-68-69
Факс: (+992 37) 233-44-99
E-mail: info@standard.tj

Имзои А.Х. Абдураҳмонзодаро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо Раҷабзода Меҳриниссо

15.05.2024